## ТАКРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Сафаров Хуррам Абдусатторович дар мавзуи: «Роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Ба муаммои касри буҷет тамоми давлатҳои ҷаҳон дар марҳилаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам, ки вайрон шудани низоми молиякунонӣ дар мамлакат таносуби дурусти даромаду хароҷотро аз байн бурдааст, ба пайдошавии норасоии захираҳои молиявӣ дучор гардидааст. Вобаста ба ин солҳои охир касри буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи манбаҳои асосии зерин рӯйпуш карда мешаванд - аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ, қарзи дохилӣ ва берунии давлатӣ ва ғайраҳо.

Дар ин росто, муаммоҳои муайяне мавҷуданд, ки аз рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва фаъолияти номувофиқии субъектҳои дохилӣ маншаъ гирифта, монеаҳои ҷиддиро барои дар сатҳи муътадил иҷро шудани нақшаи сарчашмаҳои дохилӣ ва ҷалбшуда барои рӯйпуш намудани касри буҷети давлатӣ ба миён меоранд. Хусусан тамоюлҳои ноустувории иқтисодӣ ва молиявӣ дар ҷаҳон ва масъулиятнокии пасти мутахассисони ватанӣ ба ин сабабгор мебошанд. Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуи интихобгардида, инчунин бо ислоҳотҳое, ки дар мамлакат гузашта истодаанд, тавъам мебошад, ки вазифаашон беҳтарсозии танзим ва баландбардории сатҳи натиҷанокӣ ва самаранокии касри буҷети давлатӣ, махсусан, коҳиш додани вобастагии буҷети давлатӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ аз омилҳои беруна, алалхусус вобаста ба маҳдудиятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ мебошад.

Зарурияти таҳқиқ ва илман асосноккунии роҳҳои васеънамоии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадқиқи нокифояи илмию назариявӣ ва методии он, масоили мубрами тадқиқоти диссертатсиониро ташкил медиҳад.

Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, объект, мавзуъ, навгониҳо ва муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Хуррам Абдусатторович ба бандҳои зерини Шиносномаи

феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, аз ҷумла, банди 2. Молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.6. Назарияи танзими низоми буҷетию андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.18. Механизмҳои тақсимкунии воситаҳои буҷетӣ; 2.20. Дигаргунсозии низоми буҷетию андозӣ дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: афзорҳо ва амсилаҳои мувофиқсозӣ мувофиқат менамояд.

Сафаров Хуррам Абдусатторович дар давоми солҳои таҳсилаш фаъолона ба корҳои илмии таҳқиқотӣ ва раванди таълими донишгоҳ ҳамроҳ шуда, доир ба рисолаи илмии худ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, ба нашр расонидааст.

Дар давоми таҳсил Сафаров Х.А. худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили мавзуи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро шарҳ додааст. Дар ҷараёни навиштани кори диссертатсионӣ вай доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро дар мавзуи таҳқиқот омӯхта, инчунин таҷрибаи кор дар ин самтро андӯхтааст. Бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ба эродҳо, тавсия ва хоҳишҳои муқарризон бо таваҷҷуҳи хос муносибат намуда, кушиш кард то мавзуи таҳқиқотро ҳаматарафа мавриди омӯзишу санҷиш қарор диҳад. Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми таҳсилаш дар аспирантура таҳия шудаанд, аз фаъолияти баланди илмии вай дарак медиҳад.

Дар рисолаи илмии Сафаров Х.А. асосҳои методии танзими истифодаи сарчашмаҳои пушонидани касри буҷети давлатӣ омӯхта шуда, ҷанбаҳои асосии онро дар шароити ҷаҳонишавӣ таҳлил кардааст. Диссертант бо истифода аз усулҳои муосири тадқиқот сабабҳои асосии пайдоиши касри буҷетро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, инчунин асосҳои институтсионалии сиёсати буҷетӣ ва идоракунии касри буҷети давлатиро дар иқтисодиёт таҳлил намуда, самтҳои асосии васеъnamoии сарчашмаҳои танзими касри буҷети давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавиро таҳия намудааст.

Чунин мешуморам, ки Сафаров Х.А. аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзуи аҳамиятноку замонавӣ таҳия кардааст. Ба вай муяссар шудааст, ки дар рисолаи худ проблемаҳои асосии сарчашмаҳои танзими касри буҷети

давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва тавсияҳоро оид ба такмили минбаъдаи ин бахш муайян намояд. Натиҷаҳои кори диссертатсионии унвонҷӯ нишонаи аҳамияти илмӣ ва амалӣ онҳо буда, дар муассисаҳои олии таълимӣ ҳангоми омӯзиши мавзӯҳои алоҳида истифода шудаанд. Пешниҳодоти алоҳидаи муаллиф ҳангоми фаъолияти сохторҳои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қобили истифодаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Сафаров Х.А. таҳқиқоти илмиро мустақилона ба итмом расонида, оид ба масъалаҳои асосии мавзуи баррасишаванда фикрҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, рисола ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия додан мумкин аст.

Рохбари илмӣ, д.и.и.,
профессор Д.Б. Қодирзода

Имзои Д.Б. Қодирзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.